# Барномаи
# зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми
# Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022

## Муқаддима

Барномаи зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд- Барнома) дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 бо мақсади муқовимати бевосита бо коррупсия дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикоррупсионии давлат, ба муқовимат ҷалб намудани тамоми хонандагону донишҷӯён ва ҷамъият таҳия шудааст. Барнома барои дар амал татбиқ намудани сиёсати зиддикоррупсионии давлат, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани кирдорҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

## 1.Шарҳи мушкилоте, ки Барнома барои ҳаллу фасли он равона шудааст

1. Мушкилоти асосии коррупсия аз он иборат аст, ки он ба сохторҳои идораи давлатӣ, хоҷагии халқ, соҳаи иҷтимоӣ ва умуман ба ҷамъият зарари калон меорад. Ҳолати аслии коррупсия ин ҷавобест ба бархе аз бефаъолиятӣ дар кори механизмҳои мавҷудаи идоракунӣ дар шакли истифодаи камбудии онҳо, вайрон намудан ё иваз намудани механизмҳои идоракунӣ ба шаклҳои коррупсионӣ, ки ба ҷамъият ва давлат заруранд.

2. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал татбиқ намудани Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021 №222 тасдиқ гардидааст, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Муқовимат бо коррупсия» корҳои зерин ба анҷом расонидааст.

- дар муддати сипаригашта дар Вазорати маориф ва илм тибқи пешниҳоди раёсату шуъбаҳои вазорат Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардид. Маҷмуии чораҳо оид ба муқовимат

намудан бо коррупсия дар соҳаи маориф таҳия гардид, системаи назорат аз болои фаъолияти зиддикоррупсионии раёсатҳои идоракунии маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ба роҳ монда шуд, ташхиси зиддикоррупсионии ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуд;

- дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониши зиддикоррупсионии хонандагону донишҷуён бо роҳҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ва гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳо баланд бардошта шуд;

- дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар нақшаҳои кории тарбиявӣ оид ба мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ чорабиниҳо, соатҳои тарбиявӣ дохил карда шуд. Бо волидайни хонандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд ва минбаъд ҳам гузаронида мешавад.

- дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, гурӯҳҳои корӣ зиддикоррупсионӣ таъсис дода шуд.

- аз тарафи Шӯрои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории доимамалкунанда оид ба маълумоти зиддикоррупсионӣ таъсис дода шуд, қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар нақшаҳои таълимӣ курсҳои махсусро оид ба мавзӯъҳои зиддикоррупсионӣ ворид намуданд.

2. Новобаста аз ҳамаи корҳои баанҷомрасида, коррупсия ҳамчун омили вайронкунандаи соҳаи маориф то ҳол боқӣ мондааст.

3. Барои ҳаллу фасли проблеммаҳои вобаста ба амалҳои коррупсионӣ корҳои зерин кӯмак хоҳанд расонд:

- таъмини иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҷараёни муқовимат ба коррупсия ва татбиқи барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ;

- шинос намудани аҳолӣ оид ба вазъи кунунии коррупсия ва чораҷӯиҳои қабулгардида ҷиҳати татбиқ намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар соҳаи маориф;

- муайян намудани гӯруҳҳои бештар ба хавфҳои коррупсионӣ гирифтор ва барои онҳо гузаронидани чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотӣ ва иттилоотии зиддикоррупсионӣ;

- дар амал татбиқ намудани чорабиниҳое, ки ба маҳдуд намудани шароити пайдоиши коррупсия, огоҳ намудани қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ равон карда шудаанд;

- мукаммал намудани ҳамкориҳои идораҳои давлатӣ ва маориф бо институтҳои ҷамъиятӣ ва ҷамеаи шаҳрвандӣ, кӯмак расондан аз тарафи давлат ба ташкил ва фаъолият намудани иттиҳодияҳои ҷамъиятии муқовимат бо коррупсия;

- истифода намудан аз усулҳои таълим ва тарбия, ки ҷиҳати муқовимат бо коррупсия равона шудаанд.

4. Ҷараёнҳои асосии идомадиҳандаи кори мақсаднок амалӣ намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ, чораҳои ташкилӣ оид ба сохтани механизмҳои дар амал татбиқ намудани Стратегияи сиёсати зиддикоррупсионӣ, таъмин намудани фаъолияти зиддикоррупсионӣ, ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои ҳуқуқӣ, ташкил намудани корҳои ташвиқотӣ ва маърифатнокии зиддикоррупсионӣ, аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва чорабиниҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ мебошад.

## 2. Ҳадафҳои асосӣ ва вазифаҳои Барнома

### Мақсади Барнома

5. Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии Барнома аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии кормандони соҳаи маориф ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар умум, паст намудани шиддати коррупсия дар соҳаи маориф буда, дар амал ҷорӣ намудани механизмҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, равони-ахлоқӣ, ки барои пешгирии самараноки фаъолияти коррупсионӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

### Вазифаҳои Барнома:

6. Вазифаҳои барнома аз инҳо иборат мебошанд:

- муайян намудани роҳҳои муосири пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия

- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандони соҳаи маориф дар самти муқовимат ба коррупсия ва дар ин замина фароҳам овардани шароити тоқатнопазирии ҷомеа ба падидаи коррупсия.

- муайян намудан ва гурӯҳбандии шарту шароитҳое, ки барои коррупсия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мусоидат менамояд;

- такмили методҳои тарбия ва омӯзиши меъёрҳои ахлоқӣ ба кӯдакон ва наврасоне, ки асоси ташаккули шахсиятро дар рӯҳияи муқовимат ба коррупсия ташкил мекунад;

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки муқовимат бо коррупсия:

- баланд бардоштани самаранокии тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва фаъолияти мақомоти соҳа дар ин самт;

- таҳия ва дар амал ҷорӣ намудани механизмҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ки барои барҳам додани имкониятҳои фаъолияти коррупсиониро бавуҷудоваранда равона карда шудаанд;

- мусоидат намудан ба амалӣ шудани ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилотҳо барои дастрас ва дар воситаҳои ахбори умум паҳ намудани далелҳои коррупсия ва омилҳои бавуҷудоваранда.

## 3.Ташвиқу тарғиби сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ

Дар робита ба ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарғиби сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ вазифаҳои зерин иҷро карда мешаванд.

- ба таври доимӣ оид ба рафти амалӣ шудани Барномаи зиддикоррупсионӣ дар соҳаи маориф ба мардум иттилоъ додан;

- фароҳам овардани оштинопазирии ҷамъиятӣ ба ҳодисаҳо ва шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия. Фаҳмондан ва эзоҳ додани қонунгузории амалкунанда дар самти пешгирӣ намудани коррупсия ба омӯзгорон ва хонандагон (донишҷуён)-и муассисаҳои таълимӣ;

- дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ навобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон ҷорӣ намудани курс оид ба мундариҷаи қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва роҳҳои мубориза бо коррупсия;

- барқарор намудани ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо коррупсия дар соҳаи маориф;

- ташвиқу тарғиб намудани барномаҳои зиддикоррупсионии бо муваффақият амалишавандаи давлатҳои хориҷӣ.

## 4.Механизмҳои амалӣ намудани Барнома

7. Барнома дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) ва Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» дар соҳаи маориф амалӣ карда мешавад. Дар нақша-чорабиниҳои мазкур тадбирҳои мушаххас, мӯҳлати иҷро, сохторҳои мутасаддӣ ва шакли иҷрои баъзе аз бандҳои нақшаи тадбирҳо метавонад гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби шахсони масъули Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таълимӣ ташкил карда шаванд.

## 5.Таъмини молиявии Барнома

8. Иҷрои тадбирҳои Барнома, ки хароҷоти молиявиро талаб менамояд, дар доираи маблағҳои барои муассисаҳои таълимӣ ҳамасола ҷудошаванда, маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ, инчунин маблағҳои аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ ва донорон ҷудогардида амалӣ карда мешавад.

## 6.Натиҷаҳои Барнома

9. Барои таъмини иҷрои муваффақонаи Барнома, пеш аз ҳама таҳти назорати қатъи қарор додани рафти таъмини иҷрои он, инчунин ташкил ва амалинамоии маниторинги Барнома нақши муҳимро иҷро менамояд.

10. Баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди коррупсия ба вуҷуд овардани маданияти ҳуқукии кормандони соҳаи маориф ташкил намудани низоми назорати ҷамъияти аз болои фаъолияти кори шахсони мансабдори Вазорати маориф ва илм ва сохторҳои он кам намудани шумораи қонунвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматӣ аз ҷониби кормандони Вазорати маориф ва илм ва сохторҳои он, таъмин намудани шафофияти фаъолияти Вазорати маориф ва илм ҳангоми қабул намудани қарорҳои идоракунӣ, ба қонунгузории зиддикоррупсионӣ мувофиқ гардонидани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф.

**ФАРМОИШИ**
**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «29» 12 соли 2021 №1671 ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Бо мақсади иҷрои талаботи банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021 №222 тасдиқ гардидааст, мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Барномаи зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Ба сардорони раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеъ новобаста аз тобеияти идоравиашон уҳдадор карда шаванд:

2.1. Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025-ро мавриди амал қарор диҳанд.

2.2. Дар асоси Барномаи зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, барои амалӣ намудани он тадбирҳои мушаххас андешанд.

2.3. Оид ба натиҷаҳои чораҳои андешидашудаи зиддикоррупсионӣ ҳар се моҳа ба Вазорати маориф ва илм ҳисобот пешниҳод намоянд.

3. Шуъбаи аудити дохилӣ уҳдадор карда шавад, ки иҷрои Нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025-ро зери назорат гирифта, оид ба натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ҳар се моҳа ба вазири маориф ва илм ва

тибқи тартиб ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома пешниҳод намояд.

4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Н.Собирзода гузошта шавад.

Асос: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2021, №222.

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи аудити дохилӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Замимаи 2

«Тасдиқ мекунам»
Вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Имомзода М.
аз «29» 12. соли 2021

Нақша
Чорабиниҳои амалишавии Барномаи зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2021-2025

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мухлати иҷро | Иҷрокунандагон | Масъул | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия ва тасдиқи барномаи дохилиидоравии зиддикоррупсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳои он (банди 1) | 2021-2025 | Шуъбаи аудити дохилӣ | А. Наимӣ | маълумотнома |
| 2. | Муайян кардани воҳиди корӣ (сохтори назорати дохилӣ) ҷиҳати амалӣ намудани талаботи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба масъалаҳои пешгирии коррупсия дар мақомоти давлатӣ ( банди 2) | Соли 2021-2025 | Шуъбаи аудити дохилӣ | А. Наимӣ | Маълумотнома |
| 3. | Бо дарназардоштани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар соҳаи маориф (4) | Мунтазам | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм ва Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва | Б.Музаффаров Н. Амиров | Маълумотнома |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҳисоботи молиявӣ | | |
| 4. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунӣ (ротатсия) –и кормандони соҳа ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ (5) | 2021-2025 | Раёсатҳои кадр ва корҳои махсус, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Ф.Расулзода Қ.Муҳиддинзода, Х.Ализода, Ф.Хайдаров | Ҳисобот |
| 5. | Вусъат додани раванди бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ, ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ. Бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор аз байн бурдани монеаҳо.(6) | Мунтазам | Раёсатҳои кадр ва корҳои махсус, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ | Ф. Асфиева Б. Музаффаров Ҷ. Салимов | Ҳисобот |
| 6. | Роҳандози намудани чораҳои вобаста ба ҳавасмандгардонии хизматчиёни ҷавони давлатӣ ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо. (9) | 2021-2025 | Иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф | Р. Нозакова | Ҳисобот |
| 7. | Ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди давлатӣ (14) | 2021-2025 | Шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ | Ҷ. Салимов | Ҳисобот |
| 8. | Таъсиси ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо дар самти муқовимат бо коррупсия (21). | 2021-2025 | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Ф.Хайдаров Б.Музаффаров Ҳ. Ализода | Маълумотнома |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 9. | Таҳия ва интишори китобҳо, асарҳои саҳнавӣ,дафтари инвентарӣ барои қайди адабиётҳои таълимӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзуъҳои марбут ба муқовимат бо коррупсия (22). | 2021-2025 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф, Раёсатҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва баъдидипломӣ Дафтари матбуоти Вазорат, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ илмию методӣ | Ғ. Бобизода<br>Л. Имматзода<br>Қ.Муҳиддинзода,<br>Ҳ.Ализода,<br>Ф.Хайдаров<br>Э. Сафарзода<br>К. Исоев | Маълумотнома |
| 10. | Амали намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ баҳри кам намудани робитаи шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ (23) | 2021-2025 | Хадамоти матбуоти вазорат, мудири хоҷагии Вазорат | Э. Сафарзода<br><br>С. Бобоев | Маълумотнома |
| 11. | Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат бо коррупсия рушди мунтазами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия (49) | Мунтазам | Хадамоти матбуоти вазорат, Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия Мутахассиси барно – маҳои | Э. Сафарзода<br>К. Назаров<br>Б. Сафаров | Маълумотнома |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | компютерии Вазорат | | |
| 12. | Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он (52) | Мунтазам | Шуъбаи аудити дохилӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | А. Наимӣ Б.Музаффаров | Маълумотнома |
| 13. | Марҳила ба марҳила мукаммал гардонидани шаклу усулҳои гузаронидани чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ бо ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами мақомоти назоратӣ давлатии молиявии давлатҳои муваффақ дар ин самт (53) | Мунтазам | Шуъбаи аудити дохилӣ | А. Наимӣ | Маълумотнома |
| 14. | Пешгири намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи назорати давлатии молиявӣ (55) | Мунтазам | Шуъбаи аудити дохилӣ, Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | А. Наимӣ Б.Музаффаров | Маълумотнома |
| 15. | Гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | 2021-2025 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ | А. Ҷураев | Маълумотнома |
| 16. | Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) | Мунтазам | Шуъбаи аудити дохилӣ | А. Наимӣ | Маълумотнома |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | (66) | | | | |
| 17. | Бо мақсади муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва камтар аз як маротиба баргузор намудани тадқиқоти сотсиологии умумӣ оид ба коррупсия ва тибқи таҳлилҳои асоснок ҳар сол тариқи интихобӣ гузаронидани таткиқоти сотсиологии соҳавӣ дар ҳамкори бо дигар мақомоти давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ ва истифодаи натиҷаи таткиқот ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (69) | 2021-2025 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Ғ. Бобиев<br>Л. Имматзода | Маълумотнома |

**Эзоҳ:** маълумотнома аз ҷониби шухсони масъул ба шуъбаи аудити дохилии Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда шавад.

Тартибдиҳанада А. Наимӣ

«Тасдиқ мекунам»
Директори Муассисаи давлатии
«Маркази ҷумҳуриявии
технологияи информатсионӣ ва
коммуникатсия»
____________ К. Назаров
аз «_28_» ___01___ соли 2022

Нақша
чорабиниҳои амалишавии Барномаи зиддикоррупсионии дар Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия» барои солҳои 2021-2025

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокуиандагон | Масъул | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳия ва тасдиқи нақшаи чорабиниҳои зиддикоррупсионии Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия» (банди 1) | 2021-2025 | Муовин ва мушовири Марказ | Б. Ғаюров | Маълумотнома |
| 2. | Таҳия ва интишори китобҳои электронӣ, дафтари инвентарӣ барои қайди адабиётҳои таълимӣ, таҳияи видеҳои таълимӣ дар мавзуъҳои марбут ба муқовимат бо коррупсия (22). | 2021-2025 | Мутахассисони марказ | Мутахассисони марказ | Маълумотнома |
| 3. | Ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди таҷҳизотҳои техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ | 2021-2025 | Муовин ва мушовири Марказ | Мутахассисони марказ | Маълумотнома |
| 4. | Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат бо коррупсия рушди мунтазами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия (49) | Мунтазам | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Б. Ғаюров | Маълумотнома |

Тартибдиҳанда Б. Ғаюров